Суратмаҷлиси №3

Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-102-и назди

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

аз «28» августи соли 2026 ш. Бохтар

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-102 28-уми августи соли 2026, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

Раиси ҷаласа: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Холназаров С.

Котиби илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Хайрзода А.Г.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.KOA-102, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2025, таҳти №423/шд тасдиқ гардидааст, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 9 нафарашон докторони илм - мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори Шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки кори ҷаласаи Шуро кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ тарафдори чунин пешниҳод аст? Тарафдорон- 14 нафар. Зид- нест. Бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи ошкорои рисолаи номзадии Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи « **Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои

табии, риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологиям таълими биология Диссертатсия дар кафедраи биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Мионшо Назаршоев иҷро шудааст.

Роҳбари илмии довталаби дарёфти дараваи илмӣ: Мавлоназаров Силмон Силтонназарович – номзади илмҳои педагогӣ дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мебошад.

Муқарризони расмӣ:

1. Мирзораҳимзода Акобир Карим – доктори илмҳои биология, профессор, Ноиби президент-раиси Шӯъбаи илмҳои биологии Академияи миллии Тоҷикистон;

2. Шарипов Мирзобек Мирзоевич – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент-мудири кафедраи биологияи умумӣ ва методткаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

Муассисаи пешбар: МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ».

БАРОМАД НАМУДАНД:

Раиси шуро: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Холназаров С. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.

1. **Котиби илмии шуро:** доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Хайрзода А.Г., маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.

2. **Унвонҷӯ:** Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Бобокалонзода Ҷ, Бобозода И, Шерматов Д, Қурбонов А, ва Собиров Ҷ ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ Мавлоназаров Силмон Силтонназарович - номзади илмҳои педагогӣ дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд.

Тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», ба диссертатсияи Алиназарова М. Р., бо имзои раиси ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Назаров Ҳотам Сарфарозович, ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Бобозода Бахтиёр Ҷангӣ ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абдуллоҷони Ҳамрохон омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сафарзода

Мунир Ватан аз 12-уми августи соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифиода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии, риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологиям таълими биология, сазовор мебошад.

Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:

1. Мирзораҳимзода Акобир Карим – доктори илмҳои биология, профессор, Ноиби президент-раиси Шӯъбаи илмҳои биологии Академияи миллии Тоҷикистон;

2. Шарипов Мирзобек Мирзоевич – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент-мудири кафедраи биологияи умумӣ ва методткаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

Баромад ва тақриз ба автореферат:

Ҳамчунин ба шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-102 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна. ворид шудаанд:

1. **Асламбекова Ф.Я.** – номзади илмҳои биология ходими пешбари озмоишгоҳи мевапарварии баландкуҳи Институти биологии Помир ба номи Х.Юсуфбеков**. Тақриз мусбат аст.**

2. Сайдаҳмадзода Дилором – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.**

3. Зоолишоева Бибинасрие Фаросатшоевна – номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои то мактабӣ ва миёнаи умумӣ, ФМДДҶТИБКСМ дар ВМКБ. **Тақриз мусбат аст.**

Ҳамаи тақризҳои воридшуда мусбат буда, баъзе пешниҳодҳо, ки дар ин тақризҳо қайд шудаанд хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Алиназарова М.Р., пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Алиназарова М.Р., барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии, риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологиям таълими биология сазовар мебошад

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: Умаралӣ Раҷабов, Нуров У.А., Ойматова Ҳ.Х., интихоб гардид. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 14 нафар аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 9 нафарашон докторони илм-мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон - 14 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-102 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии, риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологиям таълими биология, **тақризи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295),

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Баромад ва муҳокимаи диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифиода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии, риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологиям таълими биология пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Мирзораҳимзода Акобир Карим** – доктори илмҳои биология, профессор,

Ноиби президент-раиси Шӯъбаи илмҳои биологии Академияи миллии Тоҷикистон ва **Шарипов Мирзобек Мирзоевич** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент-мудири кафедраи биологияи умумӣ ва методткаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** Шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии, риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологиям таълими биология дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии, риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологиям таълими биологияро дастгирӣ намуда, барои ба Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна додани дипломи дараҷаи илмии номзади илм мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 14 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ **Холназаров С.**

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ **Хайрзода А.Г.**
28.08.2026

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДБ
ба номи Носири Хусрав
ҶМ Исҳоқзода М.М..